«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Х.

________________________

«20» ______12______ с. 2022

# ХУЛОСАИ (СЕМИНАРИ ИЛМИИ)
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Мирзоқодир Аюб дар мавзуи «Функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосир: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.

Қодирзода Мирзоқодир Аюб соли 2013 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намуда, аз соли 2014 то соли 2021 ҳамчун ассистенти кафедраи ҳуқуқи гражданӣ ва меҳнатии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон кору фаъолият кардааст. Айни замон, номбурда ба сифати омӯзгори кафедраи ҳуқуқи гражданий Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Қодирзода Мирзоқодир Аюб дар давраи омода намудани диссертатсия ҳамчун унвонҷӯи шуъбаи қонунгузорӣ оид ба сохтори далатӣ, мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2022 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар замони ҳозира яке аз масъалаҳои мубрами сатҳи давлатӣ ва байналхалқиро ҳаллу фасли проблемаҳои экологӣ ташкил медиҳад. Албатта барои ҳаллу фасли масоили экологии мавҷуда дар дохили давлат мақомоти ваколатдори давлатӣ ва сохторҳои мусоидаткунанда дар ин самт фаъолият менамоянд ва функсияи экологии давлатро ба амал мебароранд. Дар баробари ин, барои ҳалли масоили экологӣ ташкилотҳои байналхалқӣ дар минтақа ва ҷаҳон фаъолияти худро дар ин самт роҳандозӣ менамоянд.

Ифлосшавии ҳаво, кам шудани захираҳои об, масоҳати ҷангалҳо, шикори ғайриқонунии намудҳои нодири ҳайвонот ва паррандаҳо, истифодаи номаҳдуди сарватҳои табиӣ, буҳрони экологӣ, ки ба муҳити зисти одамон, олами набототу ҳайвонот зарар мерасонанд, зарурати амалӣ намудани функсияи экологиро талаб мекунанд. Бинобар ҳамин, таҳқиқи масъалаи функсияи экологии давлат дар шароити муосир ва паҳлуҳои дигари он барои Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз пеш мубрам мебошад.

Оқилона ва самаранок истифода бурдани захираҳои табиӣ, ҳифзи муҳити зист аз ҷумлаи мубрамтарин вазифаҳои ҷомеа маҳсуб мешаванд. Ҳалли мусбати масъалаҳои соҳаи мазкур дар навбати худ ҳамон вақт имконпазир мегардад, ки агар муносибати инсоният бо табиат ва сарватҳои табиӣ бо қонунҳо муайян гашта, идора карда шавад. Муносибати инсон бо муҳити зист як соҳаи таркибӣ ва ҷудонопазири низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад ва бо ин назардошт бояд мисли дигар соҳаҳо тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим ёбад.

Дар замони имрӯза рушди бемайлони иқтисодиёти ҷаҳонӣ, илму техника, соҳаи саноату кишоварзӣ боиси афзудани партовҳо ва дигар омилҳои таъсиррасонии инсон ба муҳити зист мешавад, ки ба ташаккул ва инкишофи функсияи экологии давлат мусоидат менамояд. Таҳлили амиқи илмии масъала метавонад мушкилоти мазкурро бартараф созад.

Масъалаҳои экологӣ яке аз мушкилоти муҳимми сатҳи ҷаҳонӣ маҳсуб меёбанд. Бояд зикр намуд, ки дар замони муосир масъалаҳои

экологӣ на танҳо дорои аҳамияти дохилидавлатӣ, балки минтақавӣ ва байналмилалиро касб намудаанд. Ҷомеаи ҷаҳонӣ дарк намудааст, ки ҳалли масъалаҳои экологӣ танҳо дар мавриди фаъолияти дастаҷамъонаи давлатҳо натиҷаи самаранок медиҳад. Ҳамзамон ҳифзи муҳити зист ин вазифаи ҳар шахс мебошад.

Таъсиррасонии фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар навъи фаъолият ба муҳити зист, тағйирёбии иқлим, истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои табиӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимми экологии замони муосир маҳсуб мешаванд. Ҳолати муҳити зист талаб менамояд, ки асосҳои ҳуқуқии муносибати байниҳамдигарии инсон, ҷомеа ва табиатро муайян намоем.

Таҷдиди назар ба қонунгузории соҳаи экологӣ имрӯз ногузир буда, амалишавии ҳарчи зудтари он барои пешрафти иқтисодиёти мамлакат ва мустаҳкамгардии сиёсати ҳифзи муҳити зисти кишвар аҳамияти калон дорад. Бинобар ин, сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати кишвар ба ин масъала махсус равона шуда, дар кишвар як қатор барномаҳо ва консепсияҳо таҳия ва қабул карда шудааст.

Махсусан, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба масъалаҳои муҳити зист (банди 4.5) диққати махсус дода шудааст. Вобаста ба ин масъала, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дуруст қайд менамоянд, ки «зарур аст, ки мо ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист, олами набототу ҳайвонот, вазъи экологӣ ва бо ин мақсад таҷдиди назар кардану такмил додани қонунгузории соҳа ва баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ муносибати ҷиддӣ зоҳир кунем».

Вобаста ба ҳолати болозикр, аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ таҳқиқоти мазкур мубрам ба ҳисоб меравад.

Зарур аст, ки ба ҳалли масъалаҳои экологӣ диққати ҷиддӣ дода шавад, чунки меҳвари асосии амалишавӣ ва таъмини ҳуқуқҳои инсон аз муҳити зисти солим вобастагии зич дорад. Танҳо дар мавриди таъмини муҳити зисти мусоид инсон имконияти истифода намудани дигар

ҳуқуқҳои худро пайдо менамояд. Ҳамзамон муҳити зист тамоми шароити барои зиндагии инсон заруриро фароҳам меоварад.

Аз ин лиҳоз, яке аз муҳимтарин соҳа дар ҳаёти ҷомеа, ки зарурати таҳияи консепсияи нави функсияи давлат ва механизми амалишавии онро ҳангоми рушди устувор таъмин менамояд, соҳаи табиатистифодабарӣ ба шумор меравад.

Бояд тазаккур дод, ки дар фазои муносибатҳои экологӣ мавҷуд набудани функсияи экологии давлат, ки заминаи асосиии сиёсати давлатиро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ташкил менамояд, бисёр хатарнок мебошад. Дар ҳолати ба таври дахлдор амалӣ нагардидани функсияи экологии давлат метавонад боиси нобудшавии бемайлони захираҳои табиӣ, ифлосшавии муҳити зист, гармшавии иқлим, обшавии пиряхҳо ва дар умум буҳрони экологӣ гардад.

Масоили ташвишовари экологии сайёра, аҳли ҷомеа ва олимонро водор намудааст, ки роҳҳо ва механизмҳои муташаккили роҳандозӣ кардани тадбирҳои беҳдошти вазъи экологӣ амалӣ гардонида шаванд, ки дар маҷмӯъ ба сифати фаъолият дар самти рушди устувор баҳогузорӣ мешавад.

Дар баробари ин, проблемаҳои мавҷудаи экологӣ ба монанди истифодаи самаранок ва оқилонаи сарватҳои табиӣ, гармшавии бесобиқаи иқлими сайёра, аз ҳадди муқарарӣ барзиёд обшавии пиряхҳо, биёбоншавӣ, вазъи ногувори эпидемиологии сайёра, норасогии об, рахнашавии барзиёди қабатҳои озонии ҳавои атмосферӣ, ифлосшавии ҳаво ва монанди инҳо дар маркази диққати ҷиддии ҳуқуқшиносон, экологҳо, иқтисодчиён, файласуфон, сиёсатшиносон, географҳо ва намояндагони дигари донишҳои илмӣ ва намояндагони ҳокимияти давлатӣ қарор доранд.

Бинобар ҳамин, таҳқиқи илмии масъалаи мазкур аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ барои рушди низоми ҳуқуқӣ ва иқтисодии кишвар нақши муҳим дошта метавонад.

Бевосита дар илми ҳуқуқшиносӣ вобаста ба масъалаҳои мазкур таваҷҷуҳи асосиро масъалаҳои идоракунии давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, проблемаҳои истифода ва ҳифзи сарватҳои табиӣ, функсияи экологии давлат, татбиқи қонунгузории амалкунанда ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки вазъи экологӣ сол аз сол ташвишовар шуда, ояндаи кору зиндагонии муътадили инсонро дар рӯи замин зери хатар мегузорад. Ифлосшавии табиат «сарҳадҳои миллӣ»-ро намедонад ва ба муҳити атроф паҳн мегардад. Ин гуна вазъият фаъолияти ба ҳам мутобиқ, мақсадноки функсионалии ҳамаи давлатҳоро талаб мекунад. Бо дарназардошти ин, таҳқиқи масъалаи мазкур аз лиҳози илми назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат мубрам маҳсуб меёбад.

Сарфи назар аз ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол таҳқиқоти комили илмӣ дар самти функсияи экологии давлат анҷом дода нашудааст. Ҳарчанд баъзе таҳқиқотҳо дар шакли мақола, маърӯза ва дигар навъи пажӯҳишҳо рӯйи кор омада бошанд ҳам, аммо дар онҳо масъалаи функсияи давлат дар умум баррасӣ шудааст, на функсияи экологии давлат. Аз ин рӯ, аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мубрам ба ҳисоб меравад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он аст, ки мавзуи мавриди таҳлил ва омӯзиш қарордодашуда, дар фазои илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон бори аввал ба қалам дода мешавад. Ҳамчунин мавриди зикр аст, ки мавзуи таҳқиқшаванда барои замони ҳозира нафақат барои давлати мо актуалӣ аст, балки барои тамоми манотиқи дунё масъалаи экологӣ яке аз муаммоҳои аввалиндараҷа маҳсуб мегардад. Ба андешаи муаллиф ин ҳолати мураккаб боз садсолаҳои минбаъда низ давом хоҳад кард, ки ин ҳолатро метавон бархӯрди иқтисодиёт ва ҳифзи муҳити зист номид.

Дар рисолаи илмии мазкур масъалаҳо бо дарназардошти талаботи замон ва илми ҳуқуқшиносӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода мешаванд: - оид ба мафҳум ва моҳияти функсияи экологии давлат; - таърихи бавуҷудоӣ ва инкишофи функсияи экологии давлат байни дигар

функсияҳои давлат; - махсусиятҳои амалишавии функсияи экологии давлат ва таъмини ташкилӣ-ҳуқуқии онҳо; - нақши ҳокимияти давлатӣ дар амалишавии функсияи экологии давлат.

Масъалаҳои муҳимме, ки барои таҳқиқоти диссертатсионӣ ишора шудааст, натиҷаҳои онро метавон ба сифати навгонии илмӣ ҳисоб намуд.

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсиониро омӯзиши ҳамаҷонибаи мафҳум ва моҳияти функсияи экологии давлат, механизмҳои амалигардонии функсияи экологӣ дар замони ҳозира, пешниҳодҳои дақиқ оид ба такмили қонунгузории экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Барои расидан ба мақсадҳои ишорагардида ба таҳқиқоти диссертатсионӣ **вазифаҳои** зерин гузошта мешавад:

- муайян намудани асосҳои таърихии рушд ва эътироф гардидани функсияи экологии давлат дар байни низоми функсияҳои амалкунандаи давлатӣ;

- омӯзиши амиқ ва ҳамаҷонибаи мафҳуми функсияи экологии давлат бо такя ба доктринаҳои исботгардидаи назариявии илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, дар муқоиса дақиқ намудани мазмуни функсияи экологии давлат дар мутобиқат бо меъёрҳои миллии амалкунандаи Тоҷикистон;

- таҳлили ҳамаҷониба ва муқаррар намудани вазифаҳои функсияи экологии дохилӣ ва берунии давлат;

- муайян намудани механизмҳои бартариятдоштаи баамалбарории функсияи экологии давлат дар замони ҳозира;

- баррасии масъалаи мавқеи функсияи экологии давлат дар байни дигар функсияҳои давлат;

- таҳлили нақши ҳамкориҳои байналмилалӣ дар амалишавии функсияи экологии давлат.

**Хулосаҳо ва нуктаҳои илмии** дар диссертатсия матраҳгардидаро масоили мубрами ташаккул, мафҳум, хусусиятҳо, мавқеи функсияи экологии

давлат дар низоми функсияҳои давлат ва механизмҳои амалишавии функсияи экологии давлат ташкил медиҳад. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ кори илмии анҷомёфта буда, дар он вазифаҳои гузошташуда пурра ҳалли худро ёфтаанд.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 20 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 13 ададди онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Интишороти муаллиф мазмун ва моҳияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос намуда, таҳлили онҳо дар қисми хулоса ва тавсияҳои диссертатсия ҷой дода шудаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалии зерин дар шакли маърӯза аз ҷониби муаллифи рисола пешниҳод гардидаанд:

– конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии «Форуми II-юми ҳуқуқшиносони ҷавон» – маърӯза дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқии функсияи экологии давлат» (Душанбе, 2018);

– конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Масоили мубрами илми ҳуқуқшиносии муосир ва роҳҳои ҳалли онҳо: назария ва амалия» – маърӯза дар мавзуи «Моҳияти ҳуқуқии функсияи экологии давлат» (Хуҷанд, 2019);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Механизмҳои муосири ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд: масъалаҳо ва дурнамои он» – маърӯза дар мавзуи «Нақши ҳуқуқи байналмилалии экологӣ дар замони муосир» (Хуҷанд, 2019);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Мушкилоти ҳимояи ҳуқуқи инсон дар шароити мураккабшавии равандҳои ҷаҳонишавӣ ва дигар чолишҳои асри XXI» – маърӯза дар мавзуи

«Таъмини ташкилӣ-ҳуқуқии амалишавии функсияи экологии ҶТ: масъалаҳои назариявӣ» (Душанбе, 2020);

– конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ: моделҳои муосири самараноки он» – маърӯза дар мавзуи «Баъзе аз масъалаҳо оид ба инкишофи функсияи экологии ҶТ» (Душанбе, 2021);

– конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Низоми миллии ҳуқуқии ҶТ ва кишварҳои ИДМ: таҳлили тамоюл ва дурнамои рушд» – маърӯза дар мавзуи «Функсияи экологӣ дар давраи зардуштӣ ва давлатдории Сомониён: ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии он» (Душанбе, 2021);

– конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «IV Международная научно-практическая конференция «Илм ва технология» – маърӯза дар мавзуи «Нақши Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи ҳадафҳои функсионалии давлат дар соҳаи ҳифзи муҳити зист» (Алмато, Қазоқистон, 2022).

**Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия** ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешавад.

Ҳамчунин тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад. Илова бар ин, аз тарафи муаллифи диссертатсия дар мақола ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузории экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва механизми муосири амалигардонии функсияи экологии давлат пешниҳод гардидааст.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми сентябри соли 2021, таҳти №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Мирзоқодир Аюб дар мавзуи «Функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосир: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад ва саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Қодирзода Мирзоқодир Аюб дар мавзуи «Функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосир: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба тартиби пешбинигардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.
2. Диссертатсияи Қодирзода Мирзоқодир Аюб дар мавзуи «Функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосир: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» ҷиҳати ҳимоя намудан барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия карда шавад.

Хулоса дар маҷлиси муштараки кафедраҳои назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ; ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар маҷлис иштирок доштанд: 17 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «Тарафдор – 17 нафар», «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар, суратмаҷлиси ҷаласаи муштараки кафедраҳои назария ва таърихи давлат ва

ҳуқуқ; ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ; ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (таъйиноти декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 29 –уми ноябри соли 2022, таҳти №757) аз 10 декабри соли 2022.

**Раиси маҷлиси муштарак:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонализода Н.Ш.

**Котиби маҷлиси муштарак:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Наимов Б.Ғ.

**Муқарризи №1:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Искандаров Ш.Ф.

**Муқарризи №2:**
**Муқарризи холиси диссертатсия:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
ёрдамчии Директори Муассисаи давлатии «Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» Шосаидзода Ш.Ш.

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**
**«20» 12 2022 с.**

Имзои Шосаидзода Ш.Ш.-ро тасдиқ мекунам:
мудири бахши кадрҳо
Анзуманова Г.

БАХШИ КАДРҲО, ҲУҚУҚ ВА КОРҲОИ МАХСУС